Тақриз

ба автореферати Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ" яке аз мавзуъҳои актуалӣ ва ҳалталабе мебошад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он роҳҳои дигари натиҷабахш дар дарёфти истеъдодҳо ва ҷалби онҳо ба маҳфилҳои муассисаи таҳсилоти иловагӣ бо мақсади рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва минбаъд ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон таъмин мегардад.

Мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, навгонии илмии таҳқиқот асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсбарангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллиф:

- модели баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон, ки омилҳои сифатӣ ва миқдориро дар бар гирифта, усулҳои хударзёбӣ, мушоҳида ва арзёбиҳои ташхисиро истифода мебарад, муайян ва асоснок гардид;
- бори аввал методикаи ташкили шароити ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии хонандагон дар кори гурӯҳӣ пешниҳод шудааст, ки на танҳо ба рушди қобилияти тавлиди идеяҳо ва мубодилаи таҷрибаҳо мусоидат мекунад, балки тафаккури эҷодиро тавассути фаъолияти дастаҷамъона фаъол месозад;
- зарурати дастгирии мунтазами дастовардҳои эҷодии хонандагон тавассути шаклҳои гуногуни эътирофи ҷамъиятӣ (озмунҳо, намоишгоҳҳо, лоиҳаҳо) асоснок карда шудааст, ки ин ба тақвияти ҳавасмандии онҳо барои худтакмилдиҳӣ ва нишон додани ташаббус мусоидат мекунад.
- бори аввал консепсияи чандирии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ пешниҳод шудааст, ки имконияти мутобиқ кардани раванди таълимро ба тағйирёбии манфиатҳо ва талаботи хонандагон фароҳам меорад ва ба ин васила равиши эҷодиро дар омӯзиш дастгирӣ намуда, шароитҳои рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъмин карда мешавад.

- усулҳои инноватсионии таълим, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва ташкили фазои муҳоиди таълимӣ ҳамчун муҳияти ягонаи ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон таҳлил карда шудааст.

Гузашта аз ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масоили зиёди модели педагогӣ ва методикаи пешниҳодшуда барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ татбиқ мешаванд. Методикаҳои ташхисие, ки барои арзёбии сатҳи салоҳиятҳои эҷодии хонандагон таҳия шудаанд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ барои назорат ва мониторинги самаранокии барномаҳои таълимӣ истифода шаванд. Ин методикаҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунанд, то пешрафти хонандагонро арзёбӣ намуда, раванди таълимро бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада мувофиқ созанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои нави таълимӣ ё таҷдиди барномаҳои мавҷуда дар низоми таҳсилоти иловагӣ муфид бошанд, то ки ин барномаҳо бештар ба рушди эҷодкорӣ ва тафаккури эҷодӣ мутобиқ гарданд, мавриди омӯзиш ва таҳқиқу таҳлил қарор дода шуда, барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Раҳимӣ Комил, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Автореферат тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, босаводона ва бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, робитаи мантиқӣ ва мутассилӣ ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои зарурӣ ва асоснок бароварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалӣ, дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба монанди ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд, ки бартараф кардани он ба манфиати кор аст.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки ин камбудиҳо арзиши илмиву амалии диссертатсияро кам намекунанд.

Кори илмии Раҳимӣ Комил мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шуда, кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотӣ баъзе андешаҳои хешро иброз медорам:

- Хуб мешуд диссертант намунае чанд аз таҷрибаи касбии худ ё ҳамкорон дар диссертатсия мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод.
- Дар автореферат баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Хулоса кори таҳқиқотии Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ" ба талаботи Низомнома оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
мудири кафедраи барномасозӣ ва
низомҳои зеҳнии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон — Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

03.12.2024

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113;
Почтаи электронӣ:aziz69@ mail.ru

Имзои Мирзоев Абдулазиз Раҷабович тасдиқ мекунам.

Сардори РК ва КМ ДБССТ — Ҷураев Ш.Н.